**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти, 12, www/ddtt.tj)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат, пешниҳод шудааст**

Тадқиқоти Одиназода Аслам Мадгиё ба таҳқиқи масъалаҳои муҳими рушди сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ бахшида шуда, бо самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Интихоби мавзуъ саривақтӣ буда, ба талаботи рушди устувор, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сифати захираҳои меҳнатӣ ҷавобгӯ аст.

Дар автореферат масъалаи рушди сармояи инсонӣ дар робитаи зич бо ислоҳоти низоми маориф, тағйироти бозори меҳнат, рақамисозии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин равандҳои муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф ба таври асоснок нишон медиҳад, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити кунунӣ на танҳо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, балки ҳамчун омили иқтисодии таъсиррасон ба сохтор ва сифати сармояи инсонӣ зуҳур мекунад. Дар ин замина, таваҷҷуҳ ба мушкилоти «фирори мағзҳо» ва зарурати истифодаи имкониятҳои «гардиши мағзҳо» ҷиҳати тақвияти иқтидори инноватсионии кишвар аз ҷиҳати илмӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Бартарии муҳими таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф рушди сармояи инсониро ҳамчун раванди бисёрсатҳӣ ва институтсионалӣ баррасӣ намуда, нақши давлатро дар ҳамоҳангсозии сиёсати маориф, бозори меҳнат, рақамисозӣ ва танзими муҳоҷирати меҳнатӣ таъкид мекунад. Дар ин замина, ҷузъҳои инфрасохтори рақамӣ ҳамчун омили баланд бардоштани дастрасӣ ба

таҳсил, рушди малакаҳои рақамӣ ва коҳиши маҳдудиятҳои бозори меҳнат ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

Мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот дар автореферат бо ҳам мувофиқ буда, сохтори пешниҳодшудаи таҳқиқот мантиқӣ ва пайдарпай мебошад. Асоси методологии таҳқиқот истифодаи равишҳои муосири таҳлилӣ, системавӣ ва иқтисодӣ-омориро дар бар гирифта, имкон медиҳад натиҷаҳои бадастомада бо дараҷаи зарурии эътимоднокӣ асоснок гарданд.

Дар саҳифаи 27-и автореферат Расми 4 – «Механизми коҳиши "фирори мағзҳо"» оварда шудааст, ки дорои хусусияти муратаб, мантиқӣ ва таҳлилӣ мебошад. Дар расми мазкур муаллиф раванди коҳиши «фирори мағзҳо»-ро ҳамчун низоми бисёрсатҳӣ баррасӣ намуда, нақши калидии омилҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар нигоҳдорӣ ва бозгардонидани кадрҳои соҳибтахассус нишон медиҳад. Механизми пешниҳодшуда алоқамандии сиёсати давлатӣ, низоми маориф, бозори меҳнат, муҳити рақамӣ ва абзорҳои ҳавасмандгардониро дар як маҷмӯи ягона инъикос намуда, аҳамияти ҳамоҳангсозии ин унсурҳоро барои ташаккули муҳити мусоиди рушди сармояи инсонии миллӣ таъкид менамояд. Қимати илмии расми мазкур дар он ифода меёбад, ки он имкон медиҳад падидаи «фирори мағзҳо» на танҳо ҳамчун мушкили иҷтимоӣ, балки ҳамчун раванди иқтисодию институтсионалӣ таҳлил гардида, роҳҳои коҳиши он дар заминаи рушди тавонмандиҳои инноватсионӣ ва истифодаи самараноки захираҳои зеҳнӣ асоснок карда шаванд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот дорои аҳамияти баланди амалӣ буда, метавонанд ҳангоми таҳия ва такмили барномаҳо ва стратегияҳои давлатии рушди сармояи инсонӣ, сиёсати шуғл ва бозори меҳнат, инчунин дар раванди рақамисозии соҳаҳои иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гиранд. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф имкон медиҳанд механизмҳои муассири ҳамоҳангсозии сиёсати маориф, бозори меҳнат ва танзими муҳоҷирати меҳнатӣ таҳия гардида, шароити мусоид барои нигоҳдорӣ, бозтавлид ва истифодаи самараноки сармояи инсонии миллӣ фароҳам оварда

шавад. Дар баробари ин, пешниҳодҳои муаллиф ба ташаккули муҳити институтсионалӣ ва рақамии мусоид ҷиҳати рушди тавонмандиҳои инноватсионӣ равона гардида, метавонанд дар баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи корӣ, коҳиши маҳдудиятҳои бозори меҳнат ва паст намудани таъсири манфии падидаи «фирори мағзҳо» нақши муассир бозанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё ба талаботи муқарраршудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори илмӣ ҳамчун таҳқиқоти анҷомёфта арзёбӣ мешавад ва муаллиф он - Одиназода Аслам Мадгиё - сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**и.в. дотсент, мудири кафедраи**
**технологияҳои иттилоотӣ ва**
**иқтисоди рақамии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **А.Р. Алиқулов**

***Суроғаи донишгоҳ:***
*734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,*
*куч. Н. Қарабоев 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,*
http://www.tut.tj *Тел.: (+992) 37 2344932*
*E-mail:* alisher.alikulov.80@mail.ru

**Имзои Алиқулов А.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **А.Ҷ. Абдуназаров**